**Тақриз**

**ба диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии унсурҳои луғавии Мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ)**

Ошкор намудани дараҷаи робитаи забони осори даврони пешин бо лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ метавонад дар кушодашавии гиреҳҳои печидаи раванди инкишофи таркиби луғавӣ ва вижагиҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ мусоидат намояд, зеро дар лафзи гӯишӣ дар қиёс бо шакли меъёрии забон дастаи калони калимаву таркиб ва ибораҳое пойдор мондаанд, ки дар ниҳодашон гунаи куҳани талаффуз, маъноҳои бостонӣ маҳфуз мондаанд. Аз ин ҷиҳат диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии унсурҳои луғавии Мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» мубрам ва муҳим ба шумор рафта, он дар инъикос гардидани алоқаи лексика ва фразеологияи фарҳангномаи мазкур бо гӯишҳои ҳозираи тоҷикӣ мадад хоҳад расонд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Муқаддима фарогири масоили зайл: мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои он, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва усулҳои таҳқиқ, навгониҳои илмиву нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариву амалӣ, дараҷаи эътимоднокии тадқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар пажуҳиш, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия аст.

Боби нахусти рисола «Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» се фаслу ду зерфаслро дар бар гирифта, дар онҳо диссертант назари Муҳаммад Ғиёсуддинро ба мансубияти маҳаллии вожаҳо баррасӣ карда, баъдан мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро дар «Ғиёс-ул-луғот» ба риштаи таҳлил кашидааст. Аз баррасиҳои муаллифи рисола маълум мегардад, ки ин гуна унсурҳои луғавии забон ба ду ҳисса тақсим мешудаанд: аз як тараф, муаллифи луғатнома гурӯҳи калони калимаҳои лаҳҷавии дар фарҳанг зикрёфтаро шарҳу эзоҳ

додааст, аз ҷониби дигар, худаш дар ҷараёни баёни матлабаш бархе аз чунин аносири луғавиро мавриди истифода қарор додааст.

Дар фасли охири ин боб воҳидҳои фразеологии дар луғатнома дарҷёфта ва усулҳои пойдормонияшон дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Муқоисаи вожаҳои қадими ирониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» шомили се фасл буда, муаллифи пажуҳиш кӯшиш ба харҷ додааст, ки маҳфуз мондани вожаҳои ирониасли дар «Ғиёс-ул-луғот» дарҷгардидаро бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ ба риштаи қиёс кашад.

Таҳлил ва қиёси ду давраи истифодаи ин гуна калимаҳо диссертантро водор кардааст, ки онҳоро ба се қисм дастабандӣ намояд: бидуни дигаргунии шаклу маъно пойдормонии онҳо дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ; бо таҳаввулоти муайяни шакл побарҷо монданашон; маҳфузмонии иддае аз маъноҳои қадими гурӯҳи аносири луғавӣ.

Боби сеюми диссертатсия “Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар шаклҳои ба худ хос маҳфузмонии унсурҳои луғавии иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот», вожаҳои ҳиндиасли дар ин фарҳангнома дучоргардида, арабизмҳову вожаҳои туркии дар асари мазкур мавҷударо дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Муаллифи пажуҳиш баҳри анҷом додани чунин кори илмӣ ҳам аз “Ғиёс-ул-луғот”, ҳам аз лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ маводи фаровону арзишмандеро гирдоварӣ кардааст, онҳоро аз ҳар ҷиҳат бо ҳамдигар қиёс кардааст, дараҷаи шабоҳату тафовуташонро нишон додааст ва ба ин восита гузаштаи дур доштани силсилае аз аносири луғавии ирониаслу иқтибосии дар гуфтори мардуми манотиқи мухталифи тоҷикӣ маҳфузмондаро инъикос намудааст.

Аз баррасиҳои муаллифи диссертатсия маълум мешавад, ки кулли унсурҳои луғавии дар “Ғиёс-ул-луғот” дарҷгардида ва дар лаҳҷаҳои муосири фавкуззикри тоҷикӣ боқимонда ба се навъ ҷудо мешаванд: 1) онҳое, ки ҳам дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ҳам шимолӣ то ҳол гардиш доранд; 2) онҳое, ки танҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ пойдор мондаанд; 3) онҳое, ки имрӯз хоси лаҳҷаҳои шимолӣ мебошанд.

Диссертатсияи Раҳимов А. И. бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар

шиносномаи ихтисосии илмии 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии унсурҳои луғавии Мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои филологӣ,**
**Профессори кафедраи забони**
**Тоҷикии МДТ-и "Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров"** **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф**

Телефон: (92) -824-25-61
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru